ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика. 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисос. Рисолаи илмии таҳиягардида ба яке аз масоили муҳимми илми педагогика методикаи таълими забони тоҷикӣ нигаронида шудааст. Рисола бо услуби хуби илмӣ навишта шуда, ба ихтисоси илмии 5.3. – Педагогика мувофиқ аст.

Ҳуҷҷатҳои стратегии давлатӣ ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста ба тозагии забони модарӣ, арҷгузорӣ ба ганҷинаи сухани ниёгон ва баланд бардоштани сатҳи фарҳанги нутқи хонандагони муассисаҳои таълимӣ таъкид мекунанд. Дар ҳамин замина пажуҳиши докторант Солеҳзода Шоира Солеҳ, ки ба таҳқиқи асосҳои назарию амалии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ бахшида шудааст, посухи саривақтӣ ба талаботи илми педагогикаи муосир маҳсуб мешавад. Муаллиф бо дарки масъулияти баланд кӯшиш кардааст, ки роҳҳои нави илман асосноки ташаккули фарҳанги нутқро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тарҳрезӣ намояд.

Забони гуфтугӯйӣ ва саводи хаттии насли наврас дар асри технологияҳои рақамӣ ва иттилоотӣ ба маҳдудшавии захираи луғавӣ ва коҳиши меъёрҳои услубӣ рӯбарӯ аст. Воҳидҳои паремиологӣ (зарбулмасалу мақолҳо, афоризмҳо, панду ҳикмат) ва фразеологӣ (ибораҳои рехтаи маҷозӣ) ойинаи тафаккур, фалсафаи ҳаёт ва таҷрибаи чандинасраи халқи тоҷик ба ҳисоб мераванд. Бо вуҷуди ин, дар амалияи муассисаҳои таълимӣ омӯзиши ин унсурҳои гаронбаҳо аксар вақт бо муқаррароти назариявӣ маҳдуд монда, ба сатҳи фаъоли нутқи хонанда намегузаранд. Солеҳзода Ш. С. ин номукаммалии раванди таълимро ба

таври касбӣ мушоҳида карда, тасмим гирифтааст, ки низоми машқҳои методиро барои пайванд додани донишҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ба амалияи суханварӣ коркард намояд. Ин муносибат аҳаммияти иҷтимоӣ ва илмии пажуҳишро собит месозад.

Рисолаи пешниҳодшуда бо мантиқи устувор ва сохтори мукаммал таҳия гардида, аз муқаддима, панҷ боб, хулосаҳои умумӣ, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Чунин сохтори рисола имкон додааст, ки масъалаи мазкур аз дидгоҳҳои гуногуни педагогӣ, психологӣ ва методӣ мавриди омӯзиш қарор гирад. Дар муқаддимаи диссертатсия аз хусусии мубрамии мавзуи пажуҳиш, дараҷаи ҳаллу фасли он дар педагогика ва равишшиносии тоҷик, ҳадафу вазифаҳо, асосҳои назариявии таҳқиқот, сарчашмаҳои пажуҳиш ва нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариву амалӣ, навгониҳо, саҳми шахсии довталаб, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ сухан рафтааст.

Дар боби якум, ки **«Асосҳои илмӣ-методии омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ, фразеологӣ ва фарҳанги нутқ»** унвон дорад, заминаҳои таърихӣ ва назариявии омӯзиши масъала таҳлил гардидаанд. Муаллиф ба масъалаи таърихи омӯзиш, ташаккул ва рушди таҳқиқи воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ, хусусиятҳои маъноию сохтории онҳо ва нақши мақолу зарбулмасалу ибораҳои рехта дар ғанӣ гардонидани захираи луғавӣ ва рушди фарҳанги нутқи хонандагон, моҳият, мазмун ва хусусиятҳои асосии фарҳанги нутқ, меъёрҳои забони адабӣ, дурустӣ, равшанӣ, мантиқӣ ва таъсирбахшии баён, инчунин робитаи фарҳанги нутқ бо тафаккур ва одоби муошират аҳаммияти ҷиддӣ дода, онро аз чанд ҷиҳат шарҳ додааст. Андешаҳои олимон, муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаи педагогикаву методика оид ба рушди фарҳанги нутқи хонандагон таҳлил гардида, усули таълим ва роҳҳои ташаккули малакаҳои нутқи онҳо муайян гаштаанд. Мавқеи асарҳои адибони форсу тоҷик дар ташаккули нутқи дурусту маданӣ, риояи меъёрҳои забони

адабӣ, интихоби муносиби воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар нутқи хонандагон чунин баҳогузорӣ карда шудааст.

Боби дуюми **рисола «Заминаҳои методологии ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон зимни таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ»** ном дошта, масъалаи татбиқи салоҳиятҳо дар раванди таълими фанни забони тоҷикӣ баррасӣ гаштааст. Муаллиф саҳми олимони ватанию хориҷиро дар таҳқиқи табиати забон ва услуби фразеологизму паремияҳо баҳогузорӣ карда, мафҳумҳои асосии фарҳанги нутқ, аз ҷумла фасоҳат, балоғат, салосат, дақиқӣ ва саҳеҳии мантиқи суханро бо меъёрҳои дидактикии давраи муосир пайванд медиҳад. Таваҷҷуҳи махсус ба тафовути байни ибораҳои озод ва воҳидҳои устувор зоҳир шуда, исбот мегардад, ки ислоҳи хатоҳои хонандагон танҳо бо роҳи баҳодиҳии имлоӣ маҳдуд нагашта, балки бояд моҳият, мазмун ва тобишҳои услубиро дар бар гирад. Дар ин боб дидгоҳҳои равоншиносӣ ва педагогикии фаъолияти зеҳнии хонанда мавриди таҳлил қарор гирифта, раванди амалӣ намудани дониши назариявӣ ба маҳорати амалии муошират тазаккур ёфтааст. Муҳаққиқ бо истифода аз усулҳои таҳлили маъно, муқоиса ва ҷустуҷӯйи муродифоту мутазодҳо роҳҳои ташаккули тафаккури таҳлилӣ ва мантиқии хонандагонро муайян кардааст.

Дар **боби сеюм** таҳти унвони **«Методикаи таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар асоси стандарт, барнома ва китобҳои дарсӣ»** пешкаш гашта, муаллиф ба таҳлили интиқодӣ ва судманди ҳуҷҷатҳои меъёрии таълимӣ пардохтааст. Стандартҳо, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии «Забони тоҷикӣ» барои хонандагони синфҳои 5-ум то 11-ум таҳлил гардида, муайян шудааст, ки маводди мансуб ба паремия ва фразеология гарчанде фаровон аст, вале таҳкими амалии он ба низоми мушаххаси дастурӣ ниёз дорад. Муаллиф меъёрҳои илман асосноки интихоби ҳадди ақалли фаъоли воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологиро пешниҳод кардааст, ки барои тартиб додани маводди таълимӣ роҳнамои хубу муфид мебошанд.

Боби чорум – «Роҳҳои ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон зимни омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ» моҳияти амалии пажуҳишро ташкил медиҳад ва низоми машқҳо ба таври зина ба зина пешниҳод шудааст: фарқ кардани вежагиҳои воҳидҳои забон, таҳлили наҳвӣ, интихоби муносиб ва истифодаи эҷодкорона дар матнҳои мустақил (эссе, иншо, муколама ва суханрониҳо). Инчунин нақши машғулиятҳои беруназсинфӣ ва маҳфилҳои адабӣ дар такмили салоҳияти иртиботии хонандагон ба таври муфассал ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

Боби панҷум – «Озмоиши муқарраркунанда ва таълимӣ дар раванди омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ» ба таҳқиқи таҷрибавӣ ва санҷиши амалии фарзияи илмӣ бахшида шуда, муаллиф бо ҷалби шумораи муайяни хонандагон, омӯзгорон ва волидон таҷрибаи педагогиро ташкил кардааст. Натиҷаҳои бадастомада бо усулҳои қиёсӣ ва оморӣ таҳлил гаштаанд. Нишондиҳандаҳои муқоисавии гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ бартарии усули пешниҳодкардаи муаллифро бо далелҳои мушаххас собит месозанд.

Аҳаммияти таҳқиқи мавзуи мазкур аз он иборат мебошад, ки дар педагогикаи ватанӣ бори нахуст низоми илмӣ ва методии ягона ва мукаммали ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон дар заминаи воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ таҳия ва тасдиқ гардидааст. Муаллиф робитаи байнифаннии забон ва адабиёти тоҷикро тавассути таҳлили амиқи арзишҳои маънавию ахлоқии миллӣ ба роҳ монда, усули самарабахши муошират, салоҳиятнокии хонандагон ва заминаҳои илмии рушди малакаи суханварии насли наврасро пешниҳод кардааст.

Хулосаи диссертатсия дар 15 банд ифода ёфта, муҳимтарин бардоштҳои муаллиф дар он нишон дода шудааст.

Ҳамзамон бо баҳои баланд додан ба сатҳи умумии рисола бо мақсади боз ҳам мукаммал сохтани пажуҳиш чанд норасоӣ ба мушоҳида расид, ки ислоҳи он ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар ҷадвали алоҳида таснифоти пурраи муассисаҳои таълимӣ ва синфҳои ҷалбшуда дар шакли ҷамъбастӣ агар манзур гардад, натиҷаи озмоишҳо боз ҳам равшантар зоҳир мегардад.

2. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоиву китобат (с.5, 7, 11) ба назар расид.

Таъкид кардан ба маврид аст, ки эродҳои зикрёфта хусусияти таҳририю тавсиявӣ дошта, ба аҳаммияти бунёдӣ, илмӣ ва амалии кор ҳеҷ гуна таъсири манфӣ намерасонанд.

Умуман, рисолаи доктории Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» таҳқиқоти комил, мустақил, дорои арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ буда, ба талаботи муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» ҷавобгӯ мебошад.

Мақолаҳои нашршуда мазмуни асосии пажуҳишро ба таври пурра инъикос кардаанд. Аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада ва саҳми арзандаи илмӣ Солеҳзода Шоира Солеҳ сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика (5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ) мебошад.

Муқарриз:

Доктори илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ ва
робитаҳои байнифарҳангӣ
Донишгоҳи байналмилалӣ сайёҳи ва
соҳибкории Тоҷикистон — Умаров Абдурахмон Саидахмадович

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хб. Борбад 48/5, Тел: +992938-94-16-89,
E-mail: **abdurahmon45@mal.ru**

Имзои А.С. Умаровро тасдиқ мекунам.
Сардори райёсати кадр ва корҳои махсус ДБССТ — Ҷураев Ш.Н.

«04» 11 2026